**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**ҚАРОР**

Дар бораи таъсиси санатория - профилактория барои маъюбон, иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва шахсони ба онҳо баробаркардашуда дар заминаи чашмаи оби гарми "Ямчун"

Бо мақсади беҳтар намудани табобати санаторию курорти ветеранҳои ҷангу меҳнат ва мутобиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 апрели соли 1995 № 260 , Дар бораи Барномаи инкишофи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар соли 1995 ва давраи то соли 2000, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон карор мекунад:

1. Ба Вазорати ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон супурда шавад, ки дар заминаи чашмаи оби гарми "Ямчун" санаторияи профилактория /барои 25 ҷой/ барои иштирокчиён, маъюбони Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва шахсони ба онҳо баробаркардашуда таъсис дода, маблаљгузариро аз ҳисоби сметаи умумии хароҷоти Вазорат анҷом диҳад.

2. Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон санаторияпрофилакторияро бо кадрҳои ихтисосманд ва таҷҳизоти тиббӣ таъмин кунад.

3. Вазорати нақлиёт ва хоҷагии роҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифадор карда шавад, ки аз ихтиёри идораи истеҳсолии роҳҳои автомобилӣгарди Вилояти Кӯҳистони Бадахшони тобеаш мувофиқи тартиби мукаррарнамудаи қонун ба ихтиёри санатория - профилакторияи Вазорати ҳифзи ичтимоии деҳаи "Ямчун" - и ноҳияи Ишкошим воқеъбударо таъмин кунад.

Раиси

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмонов

аз 26 июли соли 1995 № 480

ш. Душанбе